## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзуи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Яке аз ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин саноатикунонии босуръати мамлакат ба шумор меравад, ки дар ин масир омода намудани мутахассисони касбии баландихтисоси ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат алалхусус, мутахассисони самти муҳандисӣ нақши калидӣ дорад. Зеро соҳаи саноати мамлакат бо мутахассисони самти муҳандисӣ рӯ ба ташаккул мениҳад.

Рисолаи номзадии Боев Муродбек Бекмаҳмадович, дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро -графикӣ» яке аз мавзӯи актуалии рӯз буда масъалаҳои ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикиро дар бар мегирад.

Тавре дар интихоби мавзу ва муҳтавои диссертатсия дида мешавад, ҳадафи таҳқиқот ба асосҳои назариявӣ ва амалии илмҳои педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро – графикӣ равона гардидааст. Мақсади таҳқиқот мушаххас буда, он аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани сохтор ва талаботи ҳамгироии фанҳои геометро – графикӣ ва ошкор сохтани бартарии он дар ташаккули сатҳи бунёдии донишҷӯёни соҳаи техникиро дар раванди таълими таҳсилоти графикӣ дар бар мегирад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар муқаддимаи диссертатсия аз

тарафи муаллиф оид ба тавсифи умумии таҳқиқот, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯи мавзӯъ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф, объект, мавзӯъ, масъалаҳои соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоиши таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он зикр гардидааст. Интишороти натиҷаҳои бадастомада, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия, ба талаботҳои мавҷудбуда ҷавобгуй аст.

Боби аввали диссертатсия *«Асосҳои назариявии ташаккули курси асосии фанҳои геометро - графикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Тоҷикистон»* ном дошта, доир ба масъалаҳои фарогирии афзудани самаранокии салоҳиятнокии касбӣ, муаммоҳо, тамоюлҳо, қонунияти инкишофи таҳсилоти касбӣ, заминаҳо ва воситаҳои амалисозии ҳамгироӣ дар раванди таълими фанҳои геометро – графикӣ маълумотҳои саҳеҳ ҷой дода шудаанд.

Муҳаққиқ иброз дорад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ тамоми фанҳое, ки ба таҳсилоти графикӣ муносибат доранд дар системаи фанҳои умумикасбӣ ҳамгиро шудаанд ва барои идоракунии раванди таълим ва рушди шахсияти донишҷӯ мусоидат менамояд.

Боби дуюми диссертатсия *«Корҳои озмоишӣ оид ба ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ»* унвон дошта, оид ба шартҳои педагогии амалисозии ташаккули сатҳи бунёди таҳсилоти геометро - графикии муҳандисони оянда маълумот медиҳад. Инчунин амсилаи ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикиро тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ коркард шудааст ва натиҷаҳои кори таҷрибавӣ – озмоиширо оид ба санҷиши боэътимодии муқаррароти асосии консептуалӣ баён намуда, хулосаҳои асосиро оид ба муаммои тақризшаванда ифода намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ таҳқиқот** дар ҷодаи илмҳои педагогӣ бешубҳа васеъ аст. Зеро таҳқиқот ошкор кардааст, ки:

- ҷорӣ намудани таҳсилоти графикии тамоюлаш консептуалӣ бо махсусияти системавӣ – амалӣ ба сифати таҳкурсии салоҳиятнокии касбии муҳандиси оянда дар шароити иттилоотикунонии ва ҳамгироии соҳаҳои гуногуни фаъолият;

- пешниҳоди роҳҳои ноилшавӣ ба азхудкунии системаноки мундариҷаи таҳсилоти графикӣ ва фарогирии маҳорати амалӣ дар заминаи татбиқи комплекси методҳо, шаклҳо ва воситаҳои идоракунии таълим дар раванди амалисозии коркарди амсилаи омодагии муҳандиси оянда бо назардошти таҳияи нақшаи таълим дар заминаи дидгоҳи байнифаннӣ;

-коркарди мазмуну мундариҷаи фанни "Графикаи муҳандисӣ-компютерӣ", ҳамчунин татбиқи дақиқу арзишманди озмоишии он дар раванди таҳсилоти муассисаҳои олии техникӣ;

- коркарди маҷмӯи воситаҳо барои дастгирии ҳаматарафаи омодагии геометро-графикӣ, ки имконияти истифодаи натиҷаҳои ҳосилшударо дар раванди коркарду амалисозии маҷмӯаҳои нави таълимӣ фароҳам меорад;

- ҷорӣ намудани маҷмӯи қисмҳои асосии таҳсилоти геометро-графикӣ дар раванди таълими Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ва Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

**Навгонии илмии таҳқиқотии** кори диссертатсионӣ низ дар илми педагогии муосир нақши босазо дорад:

- асосноккунии илмию назариявӣ функсияҳои байнифаннии таҳсилоти графикӣ (аз нуқтаи назари амсиласозии графикӣ ҳамчун заминаи таълим ва амсилаи графикӣ ҳамчун омили низомофаранда) дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ;

- дар асоси таҳсилоти фанҳои геометро-графикӣ муайян кардани моҳияти дидгоҳи байнифаннӣ, ки ба қисми байнифаннии таҳсилоти графикӣ асос меёбад (барои ихтисосҳои муҳандисии мушоҳидавӣ пешбинӣ гардидааст);

- муайян ва асоснок кардан, ташаккул додани асосҳои омодагии геометро-графикӣ (ОГГ), ки сатҳи бунёдии салоҳиятнокии геометро-графикии муҳандисони ояндаи соҳаи саноати кӯҳиро ба вуҷуд меорад;

- мубодилаи дутарафаи равандҳои ОГГ-и муҳандисони соҳаи кӯҳию металлургӣ дар мундариҷаву сохтори фанҳои омӯхташаванда; истифодаи шаклҳои инноватсионии таълим (методи лоиҳавӣ, супоришҳои эҷодии гурӯҳӣ ва инфиродӣ); ба ҳисоб гирифтани малакаҳои инфиродии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои геометро-графикӣ; таъмини раванди таълим бо таҷҳизоти навтарини моддӣ-техникӣ (гузариш ба графикаи компютерӣ ва истифодаи 3D принтер);

- таъмин намудани такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгории муассисаҳои олии техникӣ дар мувофиқат бо талаботи технологияҳои нави педагогӣ.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Баланд бардоштаи салоҳиятнокии касбӣ бо мундариҷаву сохтори ТГГ, ки бо дидгоҳи байнифаннии ба ҳамгироии фанҳои графикӣ асосёбанда алоқаманд аст.

2. Ҳамгироии қисмҳои таркибии назариявӣ ва вариативӣ асоси муносибати байнифанниро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, қисми назариявии ҳамгирои ба мундариҷаи донишҳои графикӣ асос меёбад, ки қисми пешбари онро амсиласозии графикӣ ташкил медиҳад; қисми вариативӣ ба мундариҷаи донишҳои графикӣ асос меёбад, ки ба касбияти хатмкунандагони муассисаи олии техникӣ аз рӯйи ихтисосҳои интихобшуда нигаронида шудааст; қисми байнифаннӣ созмондиҳандаи таъсироти мутақобили қисмҳои вариативӣ ва назариявӣ мебошанд, ки бо як мақсад муттаҳид шуда, сифатҳои касбии шахсиятро амалӣ мегардонанд ва ба равандҳои ташаккули салоҳиятнокии мутахассисони оянда таъсир мерасонанд.

3. Талабот нисбат ба сатҳи бунёдии таҳсилоти геометро-графикӣ муайян карда шуданд, яъне омодагӣ барои татбиқи маърифатии донишҳо, маҳорату малакаҳо дар таҳлил, синтез, параметризатсияи шаклҳои геометро-графикии

маснуоти (детал) мушаххаси мошинҳо ва объектҳои кӯҳӣ, сохтани амсилҳои сеченака ва тасвирҳои ассотсиативии дученака, ки афзудани самаранокии ташаккули онро дар рафти омодасозии муҳандисони ояндаи соҳаи саноати кӯҳӣ-металлургӣ имкон медиҳанд.

4. Таҳсилоти графикӣ ба таъмини қобилият ва омодагӣ барои татбиқи комплексии салоҳиятҳои фарогирифта, инкишофи шахсияти донишҷӯён, омодагии назариявӣ ва азхудкунии методҳои асосии илмии амсиласозии графикӣ нигаронида шудааст.

5. Ташаккули сатҳи бунёдии ОГГ-и мутахассисони оянда-муҳандисони саноати кӯҳӣ-истихроҷӣ танҳо ба шарти иҷро гардидани талаботи ошкоргардидаи ОГГ таъмин хоҳад шуд.

6. Амсилаи мундариҷавию протсессуалии ташаккули сатҳи бунёдии салоҳиятнокии геометро-графикии муҳандисони соҳаи саноати кӯҳӣ-истихроҷӣ, ки бо назардошти шартҳои педагогии ошкоргардида ба роҳ монда шуд, барои ташаккули салоҳиятнокии лоиҳавӣ-тарроҳӣ заминаро фароҳам меорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:**

Диссертатсия ба бандҳои 2, 4, ва 6 - и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08. - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Натиҷаҳо ва муҳтавои асосии нашршудаи диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, саҳми шахсии муаллифро пурра муаррифӣ менамояд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти анҷомёфта оид ба масъалаи ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгирои фанҳои геометро - графикӣ пурра ҳалли худро ёфтааст. Баррасии рисолаи Боев Муродбек Бекмаҳмадович аз ин шаҳодат медиҳад, ки муаллиф ба мақсади хеш ноил гардидааст.

Ҳамзамон дар ҷадвалҳо, диаграммаҳои диссертатсия маълумоти ҷолиб гирд омадааст, ки арзиши илмию амалии таҳқиқотро баланд менамояд.

Мазмуни муҳтавои автореферат ва диссертатсия дар 35 адад мақолаҳои илмӣ ва дастурамалҳои таълимӣ - методӣ чоп шудааст, ки 4 адади он дар маҷаллаи тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нашр бароварда шуда, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро пурра дар бар мегирад.

Бо баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия, баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Хуб мегардид, ки дар диссертатсияи худ Боев М.Б. оиди асарҳои олимони тоҷик, ки бевосита дар мӯҳтавои таҳсилоти графикӣ тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикиро инъикос кардаанд, истифода менамуд.
2. Диссертант озмоиши педагогии худро дар ду муассисаи олии таълимӣ гузаронидааст, хуб мешуд, ки озмоиши ӯ дар дигар муассисаҳои олӣ - техникӣ низ сурат мегирифт сифати кор боз ҳам бештар мегардид.
3. Дар таҳқиқоти худ унвонҷӯ аз роҳу усулҳои васеътари технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва барномаҳои компютерии таълими графикии муҳандисони оянда истифода мебурд рисола хубтар мегардид.
4. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, киислоҳшаванда буда ба арзиши таҳқиқоти анҷомёфта таъсир намерасонад.

Ҳамин тариқ диссертатсия мазкур ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» - и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Автореферат мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос мекунад. Дар диссертатсия ҷойи маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқоти илмии унвонҷӯ дар мавзӯи мубрам таҳия гардида, ва натиҷаҳои он аз нигоҳи назарияи илми педагогика таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб меравад ва барои рушду нумӯи назария ва методикаи таҳсилоти фанҳои графикӣ хизмат мекунад.

Инчунин барои ташкили фаъолияти пурсамари муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ аҳамияти назаррас дорад ва ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Боев М.Б. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи нақшакашӣ, геометрияи
тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Исломов Озод Азимович
"_3_" _05_ 2024с.

*Имзои д.и.п., профессор О.Исломовро тасдиқ менамоям:*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" З.С. Ҳусейнова

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
**Тел.:** (+992) 92 759 44 42